Ба Шӯрои диссертатсионии
6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар мавзӯи «Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.**

Рақобат дар бозори истеъмолӣ, талаботи рузафзуни аҳолӣ ба сифати мол ва хизматрасонии савдо, афзудани шавқу ҳаваси соҳибкорон ва хизматчиён ба натиҷаҳои олии ниҳоии фаъолияти хоҷагӣ аз роҳбарони савдо талаб мекунад, ки барои ҷустуҷӯи роҳҳои баланд бардоштани самаранокии махсулот ва истифодаи кадрҳои соҳибкасб бо мақсади мустахкам намудани мавқеи бозории савдои чакана тадбирҳои мушаххас кор карда бароянд.

Корхонаи савдои чакана, ки фаъолияти худро дар шароити доимо тағйирёбандаи бозор пеш мебарад, бояд ба омӯзиши таъсири он ба самаранокии рушди савдои чакана диққати махсус диҳад, барои мутобиқ шудан ба муҳити беруна ва мустаҳкам намудани мавқеи бозор ба иқтидори он баҳо диҳад. Иқтидори кадрии савдои чакана ҳамчун асоси рақобатпазирӣ ва фаъолияти самараноки он баромад мекунад. Диққати нокифоя ба таҳлили иқтидори кадрии савдои чакана, рақибон ва дигар субъектҳои бозор ба он оварда мерасонад, ки менеҷерҳо танҳо мушкилоти кӯтоҳмуддатро ҳал мекунанд.

Инкишофи бозор дар шароити рақобати тезу тунд, ноустувории он аз аҳамияти таъмини намудани кадрии савдои чакана ҳамчун асоси фаъолияти самаранок шаҳодат медиҳад.

Олимон-иқтисодчиён доир ба моҳияти таъминоти кадрӣ ва унсурҳои таркибии он нуқтаи назари ягонаро ташаккул надодаанд. Иқтидори савдои чакан асосан дар омори расмӣ бидуни ба назар гирифтани инкишофи он мувофиқи тағйироти муҳити беруна ба назар гирифта мешавад. Ба имкониятҳои рушди савдои чакана ба қадри кифоя диққат дода намешавад. Таҳқиқоти илмии иқтидори кадрҳо асосан дар соҳаи истеҳсоли маҳсулот мутамарказ шудаанд. Ба имкониятҳои савдои чакана ва таъминоти кадрии он ба кадри кифоя диққат дода намешавад.

Аз ин рӯ, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ «Таъмини кадрии савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ» хеле мубрам ва муҳим мебошад.

Дар автореферат муаллиф ба муаммоҳои рушди савдои чакана ва таъминоти кадрии он диққати махсус дода, бо воситаи гузаронидани назарсанҷӣ ин муаммоҳоро ошкор намудааст. Дар асоси маълумотҳои оморӣ дар автореферат шумораи субъектҳои иқтисодӣ, шумораи захираҳои меҳнатӣ, даромад аз фурӯши маҳсулот, сохтори корхонаҳои бахши иқтисодиёт рӯи намудҳои фаъолияти иктисодӣ таҳлил карда шудааст. Ҳамзамон, барои рушди босуръати савдои чакана ҳамчун омили таъмини устувори рушди иқтисодӣ ва таъминкунандаи дараҷаи некуаҳволии мардум аз тарафи муаллиф хулосаву пешниҳодҳои муфид таҳия карда шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки муҳтавои автореферат дар худ ҳамаи унсурҳои зарурии сохтори диссертатсияро фарогир буда, аз рӯи таҳлили он хулоса баровардан мумкин аст, ки мазмуну мундариҷаи он ба мавзӯи интихобшуда мувофиқ мебошад. Навгониҳои илмии дар автореферат овардашуда ба таҳияи муқаррароти назариявӣ, методӣ ва тавсияҳои

амалӣ, ки ба таъмини кадрии савдои чакана равона гардидааст, асос ёфтааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ба чашм мерасанд:

1. Дар диссертатсия диққати махсус ба рушди савдои чакана дар шароити зуҳуроти муосир равона шудааает (саҳ.10), аммо андешаи муаллиф шарҳу тавзеҳ дода нашудааст.

2. Дар автореферати диссертатсия самтҳои асосии баланд бардоштани салоҳияти рақамии кормандони соҳаи савдои чакана асоснок карда нашудаанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич нишон медиҳад, ки рисола дар мавзӯи хеле мубрам ва дар сатҳи баланд анҷом дода шудааст. Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат арзанда мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти кафедраи иқтисоди**
**корхонаҳо ва соҳибкории ДДК**
**ба номи А.Рӯдакӣ** **Расулова Л.Н.**

**735360, Тоҷикистон,**
**вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб,**
**кӯч. С.Сафаров 16**
**Тел: (+992) 98 722 11 88**
**E-mail: r.lutfiya@mail.ru**

**Имзои «н.и.и., Расулова Л.Н.»-ро**
**тасдиқ мекунам**
**Сардои Раёсати кадрҳо ва КМ** **Амиров Ф.**